# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат. – Душанбе, 2025. – 183.**

Таҳлил ва омӯзиши мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» пеш аз ҳама аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Боби дуюми Конститутсияи амалкунанда маҳз ба масъалаи ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст, ки дар ин асос ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ дорад ва ҳуқуқ дорад, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз баррасӣ намояд. Бинобар ин, мавзуи мазкур дар шароити муосир хеле муҳим ва мубрам мебошад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия, рисоланавис таъкид намудааст, ки ҳифзи самараноки ҳуқуқи инсон аз ҷониби суд танҳо бо роҳи институтсионализатсияи мустақилияти судӣ ва мустақилияти воқеии судяҳо имконпазир аст (Саҳ 6). Аз ин рӯ, дар давлати ҳуқуқбунёд, мустақилияти судӣ шарти пешакии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон буда, ҷиҳати таъмини адолати беғаразона таъсис ёфтаанд.

Диссертант дар боби якуми рисола масъалаҳои таърихи ҳуқуқи шахс, пайдоиш ва рушди институти ҳимояи судии ҳуқуқи шахс, ҳимояи судӣ ҳамчун намуди ҳимояи давлатӣ ва ҳуқуқиро дар асоси сарчашмаҳои илмӣ мавриди таҳқиқот қарор дода, дар ин хусус мафҳум, хусусиятҳо, принсипҳо ва функсияҳои онро пешкаш намудааст. Аз ҷумла, дар саҳифаи 19-уми рисола навишта шудааст, ки ҳақиқат ва адолат он аст, ки ҳуқуқи инсон ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар чунин ҳамбастагии диалектикӣ қарор дорад ва беҳтар аст, ки қонуниятҳои вуҷуддошта дар алоқамандӣ бо

шоҳроҳи тавсеаи таърихӣ омӯхта шавад. Зеро, омӯзиши ҳама ҳодисаҳои ҳуқуқӣ хоҳ дар фаҳмиши айният ва хоҳ дар ҳолати ғайри айният барои дарк ва ҳазми дурусти он дар умум аз аҳаммият орӣ нест.

Боби дуюми рисола "Рушди танзим ва кафолати татбиқи ҳуқуқи асосии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ" ном дошта, мушкилоти назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, механизмҳои судии ҳифзи ҳуқуқи инсон, инчунин кафолатҳои амалӣ гардидани ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дар зербоби якуми боби дуюм бомаврид таъкид кардааст, ки ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз шаклҳои марказии кафолатдиҳии амалишавии ҳуқуқҳои бунёдии онҳо ба ҳисоб меравад ва суд ҳамчун унсури калидии механизми ҳуқуқии давлат амал намуда, иҷрои ҳуқуқҳои поймолгардида ва барқарорсозии адолатро таъмин менамояд.

Дар боби сеюм диссертант мақомоти судиро ҳамчун кафили ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиши ҳаматарафа қарор додааст. Воқеан, мақомоти судӣ ин кафили ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ дар кишвар аст, зеро Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба узвияти як қатор созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ шомил гардида, санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба расмият шинохтааст. Аз ин рӯ, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ҳамчун яке аз шаклҳои асосии муроҷиат ба мақомоти давлатӣ дар қонунгузории кишвар мустаҳкам гардидааст.

Натиҷаи таҳқиқот дар 14 номгӯйи интишорот, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои ватанӣ нашр шудаанд.

Дар асоси андешаҳои дар боло зикргардида метавон нуфт, ки диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» таҳқиқоти нав, аз лиҳози

мантиқ ба анҷомрасида буда, ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълифи диссертатсия ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.1.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Декани факултети таърих,ҳуқуқ ва
муносибатҳои байналмилалӣ
ДД К ба номи А.Рӯдакӣ номзади
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Каримҷонзода М.К.

Суроға: ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров 16

Тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДК
ба номи А.Рӯдакӣ Давлатов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

“03” 02 2026 с.